# Саҳмҳои меросро ба соҳибонашон бидиҳед. Он чи боқӣ монад барои наздиктарин мард (аз хешовандон) аст

Ибни Аббос (разияллоҳу анҳумо) аз Паёмбар (Салалоҳу алайҳи ва саллам) ривоят мекунад, ки фармуданд: "Саҳмҳои меросро ба соҳибонашон бидиҳед. Он чи боқӣ монад барои наздиктарин мард (аз хешовандон) аст".
[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (Саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба касоне, ки меросро тақсим мекунанд, фармон дод, ки тақсими мерос миёни мустаҳиққони он бояд бо адолат ва мувофиқи шариат бошад, ҳамонгуна ки Аллоҳ Таъоло хостааст. Соҳибони саҳмҳои муайян, ки саҳмҳояшон дар Қуръони Карим муайян шудааст, яъне дуто сеяк, сеяк, шашяк, нисф, чаҳоряк ва ҳаштяк ба соҳибони ҳаққи мерос дода шавад. Қисми боқимонда бошад, ба наздикони марде, ки фавтидааст, аз наздиктарин ҷинси мардон дода мешавад, ки онҳоро "асаба" меноманд.

https://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/5887

النجاة الخيرية
ALNAJAT CHARITY
لجنة الدعوة الإلكترونية
EDC E-Da'wah Committee